**«Тасдиқ мекунам»**
**Роҳбари Гурӯҳи корӣ,**
**Муовини Кумитаи Давлатии**
**сармоягузорӣ ва идораи амволи**
**давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Нигина Анварӣ**

**«16» майи соли 2017**

# ПРОТОКОЛИ
## ҷаласаи шашуми Гурӯҳи корӣ оид ба рушди соҳибкории занон
## 16 майи соли 2017

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Муаррифии Нақшаи кории Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон;

2.Масъалаи таҳияи методология ва такмили омори гендерии соҳибкорӣ (банди 14. Нақшаи чорабиниҳои такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021 (Қарори ҲҶТ аз 29.10.2015, №614);

3.Масъалаҳои мусоидат ба рушди ҳунармандӣ ва дастгирии он;

4.Масъалаҳои ҷорӣ.

Ҷаласаро Роҳбари Гурӯҳи корӣ, Муовини Раиси Кумитаи Давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Нигина Анварӣ ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки аъзои Гуруҳи корӣ имруз бо мақсади баррасии лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи корӣ барои солҳои 2017-2018, масъалаи таҳияи методология ва такмили омори гендерии соҳибкорӣ, мусоидат ба рушди ҳунармандӣ ва дастгирии он ҷамъ омадаанд.

**Вобаста ба масъалаи якуми рузномаи ҷаласа,** аз ҷумла баррасии лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон барои солҳои 2017-2018 мушовири иқтисодии Котиботи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ - Маҷонова Манучеҳра баромад намуд. Қайд карда шуд, ки Нақшаи чорабиниҳо дар ҳамоҳангии зич бо аъзои Гуруҳи корӣ мураттаб гардида, он чорабиниҳои аз ҷониби аъзоён дар солҳои 2017-18 банақшагирифташуда дар самти ҳамоҳангсозии сиёсат ва барномаҳои дастгирии соҳибкории занон дар кишвар, беҳтар намудани заминаи таҳлилӣ барои ошкор намудани масъалаҳо ва мушкилоти рушди соҳибкории занон, тарғиби фаъолияти соҳибкорӣ ва тавсеаи дастрасии занон ба донишу малакаҳои зарурӣ, рушд ва дастгирии ҳунармандӣ, дастрасии занон ба воситаҳои молиявӣ ва замин, дастгирии занони деҳот, беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ байни ассоциатсияҳои

занони соҳибкор дар кишварҳои Осиёи Миёна ва Афғонистон, робита бо ҷамъият ва ВАО ва тақвият бахшидан ба иқдидори Гуруҳи кориро дар бар мегирад.

Қайд карда шуд, ки вобаста ба ҳамоҳангсозии фаъолияти аъзои Гурӯҳи корӣ се ҷадвали мураттабгардидаи лоиҳаву барномаҳо, тадқиқот ва ислоҳот дар самти дастгирии соҳибкории занон бояд таҷдиди назар карда шаванд, диққати асосӣ дар ду соли минбаъда ба ҷамъбасти хулосаҳои тадқиқоти гузаронидашуда ва пешниҳоди онҳо ба Ҳукумати ҷумҳурӣ, такмили методологияи омори гендерии соҳибкорӣ, татбиқи чорабиниҳои муштарак бо дастгирии шарикони рушд дар самти бозомузии касбию техникии занони соҳибкор ва рушди малакаҳои соҳибкорӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявию ҳуқуқӣ, рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ дода мешавад.

Роҳбари Гуруҳи корӣ аз мушовири иқтисодӣ хоҳиш намуд, ки лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳоро барои баррасии ниҳоӣ ва тасдиқи минбаъда ба аъзои Гуруҳи корӣ ирсол намояд.

Вобаста ба масъалаи дуюми рузномаи ҷаласа Сардори Шуъбаи «Равзанаи ягона»-оид ба бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкории Агентии омор – Нигина Раҷабова баромад намуда, вазъи омори гендерии соҳибкорӣ, зарурияти такмили онро тибқи банди 14. Нақшаи чорабиниҳои такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.10.2015, №614 тасдиқ карда шудааст, ба ҳозирин муаррифӣ намуд.

Аз ҷумла қайд карда шуд, ки такмили омори гендерии соҳибкорӣ дар Барномаи рушди миёнамуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 пешбинӣ карда шуда, ҳамзамон нишондиҳандаҳои гендерӣ дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ низ ворид гардидаанд, ки аз муҳиммияти мукаммал гардонидани системаи мониторинг ва арзёбии сиёсат ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ, инчунин арзёбии вазъият дар доираи соҳибкории занон шаҳодат медиҳад.

Бо назардошти нуктаҳои қайдкардашуда, Нигина Раҷабова аз шарикони рушди аъзои Гурӯҳи корӣ ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори Агентии омор дар таҳияи методологияи нишондиҳандаҳои омори гендерии соҳибкорӣ дастгирӣ хоҳиш намуд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Вилоят Мирзоева - Намояндаи Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид оид ба корҳои занҳо, Менеджери портфели мамлакат ба Агентии омор вобаста ба мунтазам интишори намудани нашрияи омории “Занон ва мардон” ва “Нишондиҳандаҳои гендерӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ”, ки дар натиҷаи ҳамкорӣ бо ташкилоти СММ-занон таҳия ва ба нашр гузошта шуд, изҳори сипос баён намуд. Коршинос пешниҳод кард, ки лоиҳаи консепсия оид таҳияи методологияи такмили омори гендерии соҳибкорӣ

омода карда шуда, ба ҳамаи шарикони рушд барои баррасӣ ирсол карда шавад.

Дар ин радиф, Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон - Лола Салимова қайд намуданд, ки дар ҷумҳурӣ маҳзани ягонаи маълумоти оморӣ вуҷуд надорад. Ҳар як мақомот маҳзани алоҳидаи худро дорад, ки барои мақомоти омор сарбории барзиёд ба бор меорад. Аз ин лиҳоз, имрӯз зарурияти ба низом овардан ва марказонидани тамоми маҳзанҳои маълумот ба миён омадааст.

Вобаста ба масъалаи сеюми рузномаи ҷаласа мушовири иқтисодии Котиботи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ –Абдурауф Ҷураев баромад карда, дар бораи аҳамияти дастгирии ҳамаҷонибаи ҳунармандон, муҳайё намудани шароити беҳтар барои рушди ҳунармандӣ, паст кардани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда, устувор намудани рақобатпазирӣ ва мавқеи маҳсулоти ҳунарҳои миллӣ дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ, мустаҳкам намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти ҳунармандӣ, аз ҷумла супориши Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ дар ҷаласаи 17-уми Шӯро оид ба таҳия ва ба ҷаласаҳои минбаъда пешниҳод намудани лоиҳаи Қонун "Дар бораи ҳунармандӣ" суханронӣ намуд.

Ҳамзамон аз шарикони рушд ва ассосиатсияҳои соҳибкорӣ хоҳиш карда шуд, ки дар таҳияи лоиҳаи қонун фаъолона иштирок намоянд.

Дар робита бо масъалаи мазкур роҳбари Ассосиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёна - Матлюба Улчабаева ва роҳбари Ассосиатсияи бонувони соҳибкор "Кадбону" – Сабоҳат Раҳимзода тазаккур доданд, ки якҷо Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон ва ташкилоти Чезви омода ҳастанд, ки дар таҳияи лоиҳаи Қонун "Дар бораи ҳунармандӣ" ҳамкорӣ намоянд. Таъкид гардид, ки дар баробари таҳияи лоиҳаи қонун бояд бастаи ҳуҷҷатҳои дахлдор низ омода карда шаванд.

Дар муҳокимаронихо оид ба масъалаҳои рузномаи ҷаласа намояндагони бахши давлатӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ, аз ҷумла Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон – Лола Салимова, роҳбари АМСХМ - Матлюба Улчабаева, роҳбари АМЗС "Кадбону" – С. Раҳимзода, мушовири СММ-занон – В. Мирзоева, Менеджери барномавии СММ-занон – Зайтунбибӣ Наимова ва Сардори Шуъбаи «Равзанаи ягона»-оид ба бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкории Агентии омор – Нигина Раҷабова фаъолона иштирок намуданд.

Натиҷаи муҳокимаҳо аз ҷониби муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нигина Анварӣ ҷамъбаст гардида, қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

1. Аъзои гуруҳи корӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи кориро барои солҳои 2017-2018 бо назардошти таклифу пешниҳодоти аъзои Гурӯҳи корӣ бори дигар баррасӣ намуда, ба унвонии Котиботи Гуруҳи корӣ то санаи 19 майи соли ҷорӣ пешниҳод намуда, Котиботи Гурӯҳи корӣ бо назардошти пешниҳодҳо лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи кориро тасдиқ намоянд.
2. Котиботи Гурӯҳи корӣ дар ҳамкорӣ бо Агентии омор лоиҳаи консепсияро оид ба таҳияи методологияи такмили омори гендерии соҳибкорӣ омода намуда, ба шарикони рушд ҷиҳати баррасӣ ва дастгирии минбаъда ирсол намоянд.
3. Аъзои Гуруҳи корӣ руйхати ҳайати Гуруҳи кориро таҷдиди назар намуда, нисбат ба ворид намудани аъзои нав таклифҳои худро ба Котиботи Гуруҳи корӣ ирсол намоянд.
4. Аъзои Гуруҳи корӣ лоиҳаи Қонун “Дар бораи ҳунармандӣ”-ро мавриди баррасӣ қарор дода, таклифу пешниҳодҳои худро нисбат ба он ба Котиботи Шӯрои машваратӣ ирсол менамоянд.

Котиби Гуруҳи корӣ –  Манучеҳра Маҷонова